**«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»**
**Ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Насриддинзода Э.С.________________**
**«07» _______04_______ соли 2025**

# ПРОТОКОЛИ № 8

ҷаласаи ғайринавбатии кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсияи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

аз 04 апрели 2025 с. ш. Душанбе

**Раис: н.и.ҳ., дотсент Раҳмонзода М.Ҷ.**

**Котиб: Исматов Р.А.**

**Иштирок доштанд:** мудири кафедра, н.и.ҳ. дотсент Раҳмонзода М.Ҷ., д.и.ҳ., профессор Шарипов Т.Ш., д.и.ҳ., профессор Сафарзода А.И. н.и.ҳ., дотсент Сатторов Ғ.С., н.и.ҳ., дотсент Камолов З.А., н.и.ҳ., дотсент Мирзоахмедов Ф.А., н.и.ҳ., дотсент Шарипов Р.И., н.и.ҳ., дотсент Холиқзода Ш.Л., н.и.ҳ., дотсент Мирализода Э.Б., н.и.ҳ., дотсент Каримов Д.Б. н.и.ҳ., муаллими калон Сайфуллозода У.А., н.и.ҳ., муаллими калон Шарипов М.М., н.и.ҳ., Мирзозода Қ.Х., н.и.ҳ., Шарифзода Р.Ф. н.и.ҳ., Камолов Х.С. муаллими калон Юлдошева Г.М., н.и.ҳ., Абдуллозода Б.В. ассистент Исматов Р.А., ассистент Зоирова П.Ҷ. ва лабаранти кафедра Насриддинзода С.Н.

## РӮЗНОМАИ ҶАЛАСА:

**1. Муҳокимаи рисолаи диссертатсионии унвонҷӯи кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсияи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Насриддинзода Сайфиддин Насриддин дар мавзуи «Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои сироят кардан бо вируси норасоии масунияти одам» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳукуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 - Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳукуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ.**

**Роҳбари илмӣ:** Холиқзода Шералӣ Лоиқ – дотсенти кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсияи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

**Шунида шуд:** Оид ба масъалаи мазкур унвонҷӯ Насриддинзода Сайфиддин Насриддин баромад намуда, дар бораи сохтор, муҳиммият ва рӯзмаррагӣ, вазифа, мақсад ва навгониҳои илмии таҳқиқи диссертатсионии

худ маълумот дода, иброз намуд, ки Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои сироят кардан бо вируси норасоии масунияти одам яке аз мушкилотҳои ҷомеаи ҷаҳони ба ҳисоб меравад. Вобаста ба маълумоти омори унвонҷӯ қайд намуд, ки тибқи маълумоти омории Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии, Тоҷикистон сатҳи ошкоршавии вируси норасои масунияти одам рӯ ба афзоиш меорад. Масалан дар давоми солҳои 1991 -2024 шумораи умумии мубталои вируси норасоии масунияти одам ба 17131 ҳазор нафар расидааст. Аз ин шумора 10892 ҳазор нафарашон мард ва 6239 ҳазор нафарашон зан мебошад. Бояд зикр намуд, ки роҳҳои гузариши вируси норасои масунияти одам гуногун мебошад. Масалан бо роҳи тазриқи (сузандру) 4301 ҳазор нафар бо роҳи алоқаи ҷинсӣ 12195 ҳазор аз модар ба кӯдак бошад 635 нафар дар бар мегирад. Аз шумораи дар боло зикршуда 4651 ҳазор нафарашон фавтидаанд ва 12480 ҳазор нафари дигарашон бошад бо касалии ВНМО зиндаги мекунанд.

Тибқи маълумотҳои оморӣ судӣ бошад сатҳи ошкоршавии ҷиноятҳо ва баррасии парвандаҳои ҷиноятӣ аз ҷониби судҳои кишвар давоми солҳои 2021-2024 оид ба сироят кардан ба вируси норасоии масунияти одам дар Ҷумҳурии Тоҷикистон якранг набуда, он тамоюли рӯ ба инкишоф ва ҳам камшавиро доро мебошанд. Масалан, дар соли 2021 – 66; 2022 – 68; 2023 – 70; 2024 – 94 ҷиноятро дар бар мегирад. Аз ин шумора ҷиноятӣ сироят кардан ба вируси норасоии масунияти одам аз ҷониби судҳои кишвар нисбаташон парвандаи ҷиноятӣ оғоз гардида ва тибқи м. 125 КҶ ҶТ ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида шудаанд.

Унвонҷӯ дар давоми баромади худ қайд намуд, ки сироят кардан ба ВНМО як падидаи умумиҷаҳонӣ буда, ба ҳама давлатҳо бе ягон истисно таъсири манфӣ мерасонад ва ба паҳлӯҳои гуногуни ҳаёти инсонӣ таъсири ҷиддӣ мерасонад. Ин вирус хавфнокии зиёд дорад, зеро он ба ҳуҷайраҳои системаи сироятпазирии инсон таъсир мерасонад ва дар натиҷа дар як муддати наздик сирояти БПНМО ба вуҷуд меояд. Организми инсон қобилияти муҳофизатии худро аз бемориҳо гум карда, оқибат ба марг дучор шуданаш мумкин аст.

Паҳншавии сирояти ВНМО яке аз мушкилоти тезутунд ва мубрами тамоми давлатҳои дунё ба шумор рафта, кишвари мо низ истисно нест.

Дар айни замон, бо дарназардошти дараҷаи баланди латентӣ доштанаш, сирояти ВНМО як ҷинояти нисбатан паҳнгашта буда, хавфнокии зиёд дорад. Вобаста ба ин, омӯзиши масъалаҳои баланд бардоштани самаранокии татбиқи муқаррароти қонунгузории ҷиноятӣ, ки қонунгузор нисбат ба шахсоне, ки шахсони дигарро ба сирояти ВНМО сироят мекунанд, ҷавобгарии ҷиноятӣ пешбинӣ кардааст, муҳим мегардад.

Бояд гуфт, ки роҳҳои асосии сироят ёфтан ба ВНМО чунинанд:

– бо роҳҳои алоқаи ҷинсӣ бе истифода аз воситаҳои муҳофизатӣ (рифола);

– тавассути хун - ҳангоми истифодаи муштараки сӯзандоруҳои истифодашуда барои гузаронидани моддаҳои психоактивӣ, холкубиҳо (татуировка) ё доруҳо, ҳангоми истифодаи дастгоҳҳои риштарошҳо ва чутка (щетка)-ҳои дандоншӯии дигарон бо пасмондаҳои тозаи ифлосшавии хун; ҳангоми гузарондани хуни донори сироятшуда, ҳангоми трансплантатсияи узвҳо ва бофтаҳои донори гирифтори ВНМО, ҳангоми истифодаи асбобҳои тиббии истифодашуда ҳангоми расонидани ёрии тиббӣ;

– аз модари гирифтори ВНМО ба фарзандаш дар давраи ҳомиладорӣ, таваллуд ва ширмаконӣ.

Мақсади асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ таҳлилу омӯзиши аломатҳои таркиби ҷинояти сироят намудан бо ВНМО, инчунин таҳияи пешниҳодҳои мушаххас барои такмил додани қонунгузории ҷиноятӣ ва татбиқи амалии онҳо мебошад.

Барои ноил шудан ба мақсади мазкур, дар диссертатсия як қатор вазифаҳои илмӣ муайян карда шудаанд, ки ҳалли назариявию амалии онҳо асос ва муҳтавои ин таҳқиқотро ташкил медиҳанд.

Барои ноил шудан ба мақсади мазкур, дар диссертатсия як қатор вазифаҳои илмӣ муайян карда шудаанд, ки ҳалли назариявию амалии онҳо асос ва муҳтавои ин таҳқиқотро ташкил медиҳанд.

Таҳқиқоти диссертатсионии мазкур аввалин таҳқиқоти диссертатсионии ватанӣ дар самти ҷавобгарии ҷиноятӣ барои сироят кардан бо вируси норасоии масунияти одам мебошад. Ғайр аз ин, пештар дар сатҳи таҳқиқоти монографӣ ва диссертатсионӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон масъалаи ҷавобгарии ҷиноятӣ барои сироят кардан бо вируси норасоии масунияти одам батафсил таҳлил нагардида буданд.

Мафҳуми муайяни сироят кардан бо вируси норасоии масунияти одам, аломатҳои таркиби он, роҳҳои содир шудани ин ҷиноятҳо дар ин кор таҳлили худро ёфта, усулҳои муайян кардани табиати ҳуқуқӣ ва танзими ҳуқуқии сироят кардан бо вируси норасоии масунияти одам дида баромада шудаанд. Бо дарназардошти хусусиятҳои умумӣ ва фарқиятҳои байни намудҳои гуногуни ҷинояти сироят кардан бо вируси норасоии масунияти одам тартиби бандубасти ин кирдорҳо мураттаб гардиданд, самтҳои такмили қонунгузории ҷиноятӣ пешниҳод карда мешаванд, масъалаи консепсияи нави илми ҳуқуқи ҷиноятӣ мушаххас карда мешавад, меъёрҳои

таҳлилӣ-муқоисавии ҳуқуқӣ-ҷиноятии сироят кардан бо вируси норасоии масунияти одам аз нав муайян карда шудаанд, аломатҳои объективӣ ва аломатҳои субъективии сироят кардан бо вируси норасоии масунияти одам таҳлили худро ёфтаанд, хусусиятҳои сохти қонунгузорӣ ва аломатҳои ин ҷиноят муқаррар карда шудаанд.

Натиҷаҳои таҳқиқот аз хулосаҳои илмӣ ва пешниҳодҳо ҷиҳати такмили қонунгузории ҷиноятӣ оид ба Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои сироят кардан бо вируси норасоии масунияти одам иборат мебошад. Хулосаҳо ва нуқтаҳои илмие, ки дар рафти таҳқиқи диссертатсия ба даст омадаанд, метавонанд ҳангоми такмили меъёрҳои қонунгузории миллӣ, алалхусус қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва таҳияи қарорҳои Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таври васеъ истифода бурда шаванд. Инчунин, маводҳои диссертатсия ҳангоми тартибдиҳии барномаҳо, китобҳои дарсӣ, лексияҳо ва таҳияи курсҳои махсус дар муассисаҳои таълими ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун заминаи асос хизмат карда метавонанд.

Эътимоднокӣ ва дурустии аксари муқарраротӣ илмӣ, хулоса ва тавсияҳое, ки дар диссертатсия ифода ёфтааст, дар вусъат ва гуногунии заминаи сарчашмаҳои хуб таҳияшуда таъмин карда мешавад, гузаронидани баҳсҳои дуруст, бо истифода аз усулҳои когнитивӣ, маводи дуруст интихобшуда бо дарназардошти мавзуи таҳқиқи диссертатсия ба муаллиф имкон медиҳад, ки вазифаҳои дар наздаш гузошташударо пурра иҷро намояд. Ҳангоми навиштани рисола муҳаққиқ як қатор адабиёти ҳуқуқӣ ва дигар асарҳоро кор карда, ба доктринаи муосир ва ватанӣ муроҷиат кардааст. Эътимоднокии таҳқиқоти диссертатсия, инчунин аз истифодаи заминаҳои васеи таҷрибавӣ, ки дар шакли маълумотҳои гуногуни оморӣ, таҳлили як қатор санадҳои судӣ оварда шудаанд, бармеоянд. Ҳамчунин, натиҷаҳои таҳқиқоти рисолаи илмӣ ба он хотир эътимодноканд, ки онҳо дар асоси таҳлили санадҳои меъёрии ҳуқуқии байналмилалӣ, Конститутсияи Ҷумурии Тоҷикистон, Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Консепсияи сиёсати ҳуқуқӣ, қарорҳои Пленуми Суди Олӣ ба даст омадаанд.

Ҳамзамон, хулосаҳои дар сатҳи диссертатсия овардашуда барои таълими фанҳои тахассусӣ ва гузаронидани таҳқиқоти илмӣ, зимни омӯзиши фанҳои таълимии ҳуқуқи ҷиноятӣ, ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ, курси махсуси таълимии ҳуқуқӣ аҳаммияти калон доранд.

Дар ҷараёни ҷаласа аз ҷониби иштирокчиён д.и.ҳ., профессор Шарипов Т.Ш., н.и.ҳ., дотсент Мирзоахмедов Ф.А., Сатторов Ғ.С., Мирализода Э.Б., Мирзозода Қ.Х., ва н.и.ҳ., дотсент Камолов З.А. ба

унвонҷӯ саволҳо дода шуд, ки ба онҳо Насриддинзода Сайфиддин Насриддин ҷавобҳои мукаммал дод.

Баъдан роҳбари илмии унвонҷӯ номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент Холиқзода Шералӣ Лоиқ баромад намуда, оид ба фаъолияти илмӣ – омӯзгории Насриддинзода С.Н. суханронӣ намуда, ифроз дошт, ки унвонҷӯ қобилияти баланди эҷодӣ дошта, таҳқиқи диссертатсионӣ ҳамчун кори анҷомёфтаи илмӣ ба ҳисоб меравад ва мавзуи он барои татбиқи ҳадафҳои стратегии давлат мусоидат менамояд.

Диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси 12.00.08 - Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ мутобиқат карда, барои ҳимоя аз рӯйи ихтисоси мазкур тавсия дода мешавад.

Дар охир аз иштирокчиёни ҷаласа хоҳиш карда шуд, ки довталабро дастгирӣ намоянд.

Сипас, раиси ҷаласа н.и.ҳ., дотсент Раҳмонзода М.Ҷ. баромад намуда, диссертатсияро ҳамчун кори анҷомёфта ба ҳимоя тавсия намуд.

Дар муҳокимаи диссертатсия иштирокчиёни дигар, аз ҷумла н.и.ҳ., дотсент Мирзоахмедов Ф.А. ва н.и.ҳ. дотсент Камолов З.А. ва Мирализода Э.Б. баромад намуда, ба унвонҷӯ тавсияҳои муфиди илмӣ доданд.

Баромадкунандагон дар рафти муҳокимаи диссертатсия муҳиммияти мавзуи таҳқиқро қайд карда, саҳми унвонҷӯро дар таҳқиқу баррасии масъалаҳои назариявӣ – методологӣ ва амалии мавзуи мазкур муҳим арзёбӣ намуданд.

Қайд карда шуд, ки Насриддинзода С.Н. муҳаққиқи пурмаҳсул буда, муаллифи 7 таълифоти илмӣ, иштирокчии конференсия ва семинарҳои илмӣ-амалӣ ва назариявии байналмилалию ҷумҳуриявӣ ва дохилидонишгоҳӣ мебошад.

Ҳамзамон, баромадкунандагон эродҳо ва андешаҳоеро изҳор доштанд, ки ба мушаххасу возеҳ баён намудани нуқтаҳои алоҳидаи диссертатсия, нисбатан муфассал шарҳ додани ҷанбаҳое, ки дар амалӣ намудани пешниҳодҳо ва тавсияҳои марбут ба таҳқиқи диссертатсионӣ мусоидат менамоянд.

Насриддинзода Сайфиддин Насриддин ба эродҳои баромадкунандагон ҷавобу шарҳҳои муфассал дод. Сипас, лоиҳаи хулосаи кафедра, ки дар асоси баромади баромадкунандагон омода карда шудааст, шунида шуд.

**Ҷаласа қарор кард:**

1. Диссертатсияи Насриддинзода Сайфиддин Насриддин дар мавзуи «Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои сироят кардан бо вируси норасоии масунияти одам» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи

ихтисоси 12.00.08 - Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; хуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ кори таҳқикии анҷомёфта ҳисобида шавад.

2. Диссертатсияи Насриддинзода Сайфиддин Насриддин дар мавзуи «Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои сироят кардан бо вируси норасоии масунияти одам» ҷиҳати ҳимоя намудан барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 - Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ бо назардошти ислоҳи эродҳои гирифташуда барои ҳимоя дар Шурои диссертатсионии 6D.KOA-019-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон тавсия дода шавад.

Хулоса дар ҷаласаи кафедраи хуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсияи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон санаи 04 апрели соли 2025 №8 қабул шуд.

Иштирок доштанд: 20 нафар. Натиҷаҳои овоздиҳӣ: «тарафдор» - 20 нафар, «зид» - нест, «бетараф» - нест.

**Раиси ҷаласа:** **Раҳмонзода М.Ҷ.**

**Котиби ҷаласа:** **Исматов Р.А.**

**Имзоҳои Раҳмонзода М.Ҷ. ва Исматов Р.А.-ро тасдиқ мекунам:**
**Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси ДМТ** **Тавқиев Э.Ш.**

**«05» 04 2025 с.**

Суроға: 734025, ш. Душанбе,
хиёбони Рудакӣ, 17. Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
Тел.: 2217711, факс: 2271510
Почтаи электронӣ: info@tnu.tj, сомонаи интернетӣ:www.tnu.tj